«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.и., профессор
_____Хушвахтзода Қ.Х.
«___» _____ соли 2022

ХУЛОСАИ
ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи «Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Сафина”)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Диссертант Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода соли 2013 факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аълочӣ (ДОА № 0008325 аз 17 июни соли 2013) хатм кардааст. Аз соли 2013 то имрӯз дар Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакон ва наврасон “Баҳористон” ба ҳайси муҳаррир ва сармуҳаррири идораи барномаҳои иттилоотӣ ва аз августи соли 2020 сармуҳаррири идораи барномаҳои варзиш ва бозиҳои шавқовари телевизиони мазкур кор мекунад.

Аз соли 2017 то соли 2020 дар кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибона ба кори пажуҳишӣ машғул буд.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни “Забони хориҷӣ” 23-уми июни 2017 ва “Таърих ва фалсафаи илм” 27-уми декабри соли 2017 бо баҳои хуб ва имтиҳони ихтисос (10.01.10 - Журналистика) 10 ноябри соли 2022 бо баҳои аъло супорида шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илми филология, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика аз 26-уми январи соли 2017 (суратмаҷлсии 6) ва шурои олимони факултети журналистика 27 феврали соли 2017, суратмаҷлиси рақами 6 тасдиқ шуда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии ДМТ таҳти рақами 34/17 аз 29-уми марти соли 2017 аз ташхис гузаронида шудааст.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода дар мавзуи «Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Сафина")» дар ҷаласаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 октябри соли 2022, суратҷаласаи №3 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессор Қутбиддин Мухторӣ ва номзади илми филология Рухшона Муродова муҳокима гардид. Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Вазифаи муҳаррири телевизион дар шароити муосир аз афзалиятҳое мебошад, ки то ҳанӯз илман таҳқиқ нагардидааст. Мақолаҳои ҷудогона доир ба шинохти муҳаррир рӯйи чоп омадаанд, аммо далелҳои раднопазир дар ин замина пажӯҳиш мехоҳанд, зеро фаъолияти пурсамар ва вижагиҳои умдаи он дар такя ба назарияи журналистика мавриди таҳлил қарор мегирад. Аз ҷумла, таҳқиқи ин мавзуъ ба як қатор омилҳо иртибот дорад, ки маҳз онҳо аз фаъолият ва касбияти муҳаррир дарак медиҳанд. Ин омилҳо берунӣ ва дохилӣ буда, ба касб таъсири мусбат мерасонанд, яке дигареро пурра менамоянд. Дар доираи ин фаъолият истифодаи бамавриди технологияи нав, ба роҳ мондани фарҳанги техникӣ ва кордонии муҳаррир бисёр муҳим аст.

Аз замони пайдоиши телевизион дар Тоҷикистон муҳаррир аслан дар дохили студия бо намояндагони мақомоти давлатӣ, ки ба таблиг масъул буданд, суҳбат мекард. Бо мурури замон муҳаррир рӯйи саҳна – ба эфир баромад. Акнун муҳаррирон бевосита ба истеҳсоли маводи рӯзноманигорӣ иштирок мекунад.

Муҳаррири телевизион имрӯз роҳбари гурӯҳи эҷодӣ аст. Агар то се даҳсола пеш дар барномасозӣ коргардон масъули асосӣ шуморида мешуд, дар шароити кунунӣ муҳаррир яке аз шахси муҳим дар телевизион аст. Техника ва технологияи навин дар соҳаи телевизион муҳарриронро водор намуд, ки бо онҳо муносибат карданро омӯзанд. Имрӯз аксари муҳаррирон мустақилона барнома танзим менамоянд, ки ин раванд аз маърифати техникии онҳо дарак медиҳад. Нуктаи мазкур мубрам будани фаъолияти муҳаррирро дар телевизион нишон медиҳад.

Дар диссертатсия фаъолияти муҳаррирони телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Сафина» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар таърихи телевизиони «Тоҷикистон» муҳаррирон дар шароити гуногун фаъолият намуда, вобаста ба таҳаввулоти замон барнома таҳия ва услубу шеваи кори худро ба муҳит мутобиқ менамуданд.

Дар телевизиони «Сафина» муҳаррирон бо назардошти самти фаъолияти телевизион корро анҷом медиҳанд.

Ин ва дигар омилҳо аз мубрам будани мавзуи таҳқиқ дарак медиҳад.

Мақсади таҳқиқ мушаххас кардани талаботи сохтории касби муҳаррири телевизион, ҷараёни муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ, раванди шаклгирии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти муҳаррири телевизион ва хусусиятҳои кори муҳаррири телевизион дар шароити Тоҷикистон мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин мақсад, пажӯҳиш ва баррасии вазифаҳои зерин муҳим дониста мешавад:

- таҳқиқи меъёрҳои касбияти муҳаррири телевизион ва баррасии махсусияти фаъолияти муҳаррир;
- муайян намудани истилоҳи «муҳаррири телевизион» ва мушаххас кардани унсурҳои шаклдиҳандаи он;
- нишон додани вазифаи муҳаррир дар ҷараёни таҳияи барнома, сабт ва уҳдадориҳои ӯ баъд аз эфир;
- дақиқ намудани ҷанбаҳои фаъолияти муҳаррир дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Сафина»;
- таҳлили дурнамои ташаккули вазифаи муҳаррир дар телевизион ва роҳҳои беҳтар намудани касбияти ӯ дар ин замина.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки дар илми рӯзноманигорӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки дар кори диссертатсионӣ аввалин маротиба фаъолияти муҳаррир дар телевизион дар заминаи талаботи муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ таҳқиқ гардида, маҷмуи проблемаҳо ва вазифаҳои фаъолияти муҳаррир нишон дода шудааст. Нахустин маротиба фаъолияти эҷодии муҳаррир дар баробари фаъолияти техникии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои ҷомеаи журналистӣ муҳим ва нав будани он арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

Баррасии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, таҳлилу нақди фаъолияти муҳаррирон, муҳокимаю далелсанҷиҳо, асосноккунии назария ва

андешаҳои баёншуда, маърӯза дар маҳфилу конференсияҳо ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз **методҳои** методҳои муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ, таърихӣ ва таҳлили оморӣ истифода кардааст.

Арзиши назариии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки муҳтавои кор донишҳои назариявиро доир ба муҳаррир ва вазифаҳои ӯ афзуда, ба корҳои илмию таҳқиқии марбут ба фаъолияти муҳаррири телевизион вусъат мебахшад. Диссертатсия сарчашмаи нави илмӣ дар шинохти «муҳаррири телевизион» дар шароити Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Муаллиф шаклҳои нави фаъолияти муҳаррирро бозгӯ намуда, ӯро дар рафти барномасозӣ нафари аввал донистааст.

Арзиши амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми журналистикаи телевизион ҷанбаҳои амалӣ, талаботи расмӣ ва ғайрирасмӣ нисбат ба мутахассисони соҳа ҷамъоварӣ шуда, роҳҳои таҳияи меъёрҳои баҳодиҳии ҳусну қубҳ нишон дода шудааст. Маводи кори диссертатсиониро барои таълими асосҳои касби муҳаррирӣ дар мактабҳои олӣ ва низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозодаро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад.

Диссертатсия ва автореферати Исматуллои Ҳабибулои Нарзуллозода дар мавзуи «Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Сафина”)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми

филология, и.в. профессор Қутбиддин Мухторӣ ва номзади илми филология Рухшона Муродова онро барои химоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 17 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 3 аз 28.11.2022.

Раиси шурои олимон,
доктори илми филология, дотсент **Қутбиддинов А.**

Муқарризони холис:
доктори илми филология, и.в.
профессори кафедраи матбуоти ДМТ **Мухторӣ Қ.**

Номзади илмҳои филология,
мудири кафедраи технологияи ВАО-и
факултаи Журналистикаи телевизион ва
радиои ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода **Муродова Р.М.**

Котиби илмии шуро **Қурбонов И.**

Имзоҳои А. Қутбиддинов, Қ. Мухторӣ ва
И. Қурбоновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**
Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«3» декабри соли 2022

Имзои Р. Муродоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДФСТ ба номи М. Турсунзода **Ҳомидова З.**
Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 73 а.
Тел: 988 31 10 70
«3» декабри соли 2022